# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ оид ба кори диссертатсионии Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар мавзӯи «Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ 2.1.37 - Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия пешниҳод шудааст.**

Олимзода Қутбиддин Зайнуддин, соли 2008 Донишгоҳи аграрии Тоҷикистонро бо ихтисоси “Мелиоратсия таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин” хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ худи ҳамон сол Олимзода Қ.З. бо иштирок дар озмун ба ҳайси ходими илм ба МД «ТоҷикНИИГиМ»-и Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуда, сонияи ҳамчун ходими калони илми шӯъбаи Захираҳои об ва кадастр фаъолият намудааст. Мавсуф аз соли 2011 то инҷониб ба ҳайси мудири шӯъбаи Истифодабарии хоҷагии оби Муассисаи давлатии «ТоҷикНИИГиМ» кор ва фаъолият менамоянд. Соли 2015 Олимзода Қ.З. ҳамчун унвонҷӯ дар МД «ТоҷикНИИГиМ» қабул шуда, ба навиштани рисолаи илмӣ дар мавзӯи “Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)” оғоз намуд.

Кори диссертатсионии Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар мавзӯи: “Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои техникӣ бо тахассуси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37) - гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ ва гидрохимия дар Шӯрои олимони Муассисаи давлатии Институти илмию тадқиқоти гидротехникӣ ва мелиоратсияи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қарори шӯро таҳти рақами № 01 аз 29.01.2015 сол тасдиқ ва иҷро карда шудааст.

Вобаста ба равандҳои пурзӯршавии гармшавии глобалӣ ва сарбории техногенӣ ба ҳавзаҳо ва маҷрои об, муайян намудани арзёбии боэътимоди ташаккули захираҳои об ва таъминкунии ҳавзаи дарёи Зарафшон, таҳлили хусусиятҳои табиию иқтисодӣ алалхусус пешбинии тағйиротҳои онҳо дар оянда масъалаи хеле мураккаб ва таъхирнопазири илмӣ мебошад, ки ҳалли он барои банақшагирии минбаъдаи тараққиёти иқтисодиёти қисми тоҷикистонии он аҳамияти бағоят калон дорад.

Масъалаи мазкур барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун минтақаи асосии ташаккулёбии захираҳои оби Осиёи Марказӣ аҳамияти махсус дорад. Хусусияти таркибии захираҳои барқароршавандаи оби ҳавзаи дарёи Зарафшон маҷрои дарёи он мебошад. Маълумоти боэътимод ва

мукаммал дар бораи речаи он, дурустии баҳодии онҳоро мушаххас намуда, имконияти истифодаи самараноки онҳоро таъмин менамояд.

Мавзуи интихобгардида бо назардошти аҳамияти стратегӣ доштани захираҳои оби ҳавзаи дарёи Зарафшон аҳамияти калони илмӣ-амалӣ дошта, дар пешрафти иқтисодиёти кишвар, инчунин ҳалли масъалаҳои ичтимоию иқтисодӣ мақоми махсусро касб менамояд.

Ташкил ва баргузор намудани таҳқиқотҳои илмӣ оид баомӯзиши хусусиятҳои даврияти гидрологии ҳавзаи дарёҳои Точикистон дар шароити тағйирёбии иқлим муҳим арзёбӣгардида, натичаҳои таҳқиқот метавонанд дар дурнамои асосноки идоракунии бонизоми захираҳои об, самаранок истифода карда шаванд.

Маврид ба зикр аст, ки аҳамияти ичтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва стратегӣ доштани захираҳои оби ҳавзаи дарёи Зарафшонро ба инобат гирифта зарурат ба миён меояд, ки таҳқиқоти илмӣ оид ба арзёбии ҳаматарафа ва омӯзиши равандҳои ташаккулёбӣ, идоракунӣ, истифодабарӣ ва ҳифзи он дар шароити таъсири тағйирёбии иқлим бо дарназардошти сарбории экологӣ ба захираҳои об гузаронида шавад.

Кори диссертатсионии Олимзода Қутбиддин Зайнуддин аз муқаддима, 3 боб, натичаҳои асосӣ, 8 замима ва рӯйхати адабиёти истифодашуда (иборат аз 143 номгӯй) иборат мебошад. Ҳачми умумии диссертатсия – 193 саҳифаи матни компютерӣ, аз он 158 саҳифа матни асосӣ, иборат аз 36 расм ва 35 чадвал мебошад.

Дар муқаддима ва қисмати муқаррароти кори диссертатсионӣ аҳамияти интихоби мавзӯъ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши мавзӯъ, алоқамандии он бо стратегияҳо ва барномаҳои илмӣ оварда шудааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва усулҳои таҳқиқот муайян карда шуда, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда оварда шудааст.

Дар **боби якуми** диссертатсия оид ба арзёбии ҳолати воқеии майдони обғундории ҳавзаи дарёи Зарафшон, ташхиси шароитҳои табии гузаронида шуда, мушкилоти алоқаманд ба тағйирёбии иқлим, арзёбии ҳолати заминистифодабарӣ, ҳолати идоракунии захираҳои табиӣ, арзёбии хусусиятҳои хоси ташаккулёбии захираҳои обӣ, таъсири қабати хоку растанӣ ва дигар омилҳои антропогенӣ, чамъоварӣ ва ташхиси маълумотҳои иқлимию гидрологии ҳавзаи дарёи Зарафшон оварда шудааст. Инчунин мушкилот оид ба таъминоти бехатарии ҳавзаи дарё муайян карда шудааст.

Дар **боби дуюми** кори диссертатсионӣ ба натичаҳои истифодабарии воситаи арзёбии захираҳои замину об– SWAT оварда шудааст, ки барои муайян кардани сарҳади зерҳавзаҳо ва мутаҳидкунии онҳо дар минтақаи зерҳафзаҳо бо назардошти тачрибаи тартибдиҳии нақшаҳои ҳавзавӣ идоракунии захираҳои обӣ дар минтақаи ҳавзаи дарёи Сир ва Зарафшон зарур аст. Ҳавзаи дарёи Зарафшон аз 249 шохобҳои калон иборат аст, ки онро муаллиф ба 8-зерҳавза мутаҳид намудааст.

Дар ин боб речаи гидрологии минтақаҳои Мастчоҳ бо зерҳавзаву шохобҳои асосӣ, Зарафшон, Искандаркул, Яғноб, Киштуд, Моғиёндарё, Фондарё, Фароб, инчунин таъмини бехатарии экологии он маконҳо оварда шудааст.

Дар **боби сеюм** мувозинаи обӣ тартиб дода шуда чорабиниҳои таъминкунандаи устувории речаи гидрологии шохобҳои асосии обтаъминкунӣ пешкаш карда мешаванд. Ташхиси маълумотҳои гидрологӣ дар дидбонгоҳҳои асосии дарёи Зарафшон (Дупулӣ) нишон дод, ки дар солҳои серобӣ (10% таъминот) ҳамасола аз 6504,23 то 6652,24 млн.$м^3$ об, дар соли обтаъминкуниаш 50% ин нишондиҳандаҳо аз 5241,27 то 5274,43 млн.$м^3$, дар солҳои камобӣ аз 4133,34 то 4146,65 млн.м об-ро ташкил медиҳад.

Ба чараёни инкишофи мусбии обтаъминкунии ҳавзаи дарёи Зарафшон нигоҳ накарда дар минтақаҳои зерҳавзаи дарёи Моғиён ва Киштут, ки мавзеҳои обёришавандаи калонро бо об таъмин менамоянд, норасоии захираҳои обӣ дар давраи моҳҳои марту июн дар минтақаи зерҳавзаи дарёи Киштуд ва дар моҳҳои марту сентябр дар зерҳавзаи дарёи Моғиён мушоҳида шуда, дар оянда норасоии захираҳои обӣ дар зерҳавзаи дарёи Киштуд ба 3,85 млн. $м^3$ ва дар зерҳавзаи дарёи Моғиён ба 39,35 млн. $м^3$ дар солҳои хушксолӣ метавонанд зиёд гардад. Ин ҳолат зарурати дар амал чорикунии технологияи обсарфакунанда ва дигар чорабиниҳои таъминкунандаи норасоии ҳачми обро муайян мекунад.

Дар вақти ҳозира норасоии об дар дарёҳои Киштут ва Моғиён дида шуда шароити камобӣ мушоҳида мешавад. Ин бузургӣ аз 2% то 69% тағйир меёбад. Норасоии об дар оянда то соли 2050 бо сабаби афзоиши аҳолӣ, корхонаҳои саноатӣ ва масоҳати заминҳои обёришаванда кайҳо боз дар зерҳавзаи дарёи Киштуд ба 21% ва дар зерҳавзаи Могиён ба 143% афзудааст, ки метавонад ҳачми норасоии об ба 17,7 ва 101,5 млн. $м^3$ об дар як сол расад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натичаҳои асосии таҳқиқи илмӣ чамъбаст гардидаанд. Нуқтаҳои илмӣ ва натичаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамадӣ назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд.

Муҳтавои асосии диссертатсияи унвончӯ Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса диссертатсияи Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар мавзӯъи: **“Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Чумҳурии Тоҷикистон)”** ба талаботи “Тартиб додани дарачаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Чумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба татриби ба расмиятдарории диссертатсия ва афтореферати диссертатсия (Қрори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ЧТ аз 31 марти соли 2021 №3) чавобгӯ буда, чиҳати сазовор гардидан барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1.

Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои кишоварзӣ Раҳматиллоев Р.

“05” 02 соли 2026

Суроға: 734017, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146
Индекси почта: 734017
Тел.: (+992 37) 224-72-13 / 224-55-74
Факс: (+992 37) 224-55-42
Email: tajagruni@mail.ru / info@tau.tj
Сомонаи расмӣ: www.tau.tj

Имзои Раҳматиллоев Р.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳо
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.